**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи Собирзода Нуралӣ Миралӣ дар мавзӯи «Мукаммалсозии механизми танзими давлатии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор» барои дарёфти унвони дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент

Муайянсозии унсурҳои илман асоснокшудаи механизми иқтисодии танзими давлатии хоҷагии қишлоқ ва параметрҳои асосии он дар бисёр ҳолат аз дурустии мақсад ва вазифаҳои ҳалшаванда, инчунин истифодаи оқилонаи захираҳо барои ҳалли вазифаҳою тартиби амалисозии чора-биниҳо вобастагӣ дорад. Мавқеи ҳалкунандаро дар ташкили асосҳои иқтисодии таъмини рушди босуботи хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми танзими давлатии соҳа иҷро менамояд.

Диссертант дуруст қайд намудааст, ки дар шароити муосири рушди иқтисодӣ мукаммалсозии механизми танзими давлатии хоҷагии қишлоқ аз шартҳои муайян вобастагӣ дорад. Ба ақидаи муаллиф, давлат ба муаммоҳои рушди хоҷагии қишлоқ ва истифодаи роҳу усулҳои гуногуни дастгирии истеҳсолкунандагон ба зиёд шудани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат карда бошад ҳам, вале то ҳол самаранокии истеҳолот дар соҳа хеле паст аст ва истифодабараи маблағҳои буҷетӣ мувофиқи мақсад нест. Механизми амалкунандаи танзими давлатии хоҷагии қишлоқи мамлакат моҳиятан нобаробарии муносибатҳои молию пулиро дар КАС такрористеҳсол менамояд. Чунки давлат ба молистеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқи маблағҳои буҷавиро ҷудо намуда, бо ин амали худ номукаммалии танзими бозорӣ ва ҳамбастагии байнисоҳавиро дар КАС эътироф менамояд.

Дар ин асос диссертант, қайд намудан ҷоиз аст, ки зарурати тадқиқи масъалаҳои мукаммалсозии механизми танзими давлатии хоҷагии қишлоқ, ки такрористеҳсоли васеи истеҳсолот, баландбардории рақобатпазирии молҳо ва самаранокии хоҷагидориро таъмин менамояд, ба миён омадааст. Аз ин нуқтаи назар муҳиммияти мавзӯи тадқиқшаванда муайян аст ва он хеле саривақтӣ мебошад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он таҷассум меёбад, ки муқаррароти назариявӣ-методологӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои

дар диссертатсия пешниҳодшуда ҳангоми таҳия ва амалисозии қарорҳои идоракунӣ дар корхонаҳо ва хоҷагиҳои деҳқонии соҳаи хоҷагии қишлоқ истифода бурда мешаванд.

Ба ақидаи муаллиф омӯзиши равандҳои институтсионалии ташкили шароит барои рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ, бахусус хоҷагии қишлоқ, хеле муҳим ва зарур мебошанд. Дигаргунсозиҳои институтсионалӣ инчунин, вобаста ба он ки хоҷагии қишлоқ дар кадом марҳилаи тараққиёт қарор дорад ба амал меоянд ва ба он вобастаанд. Танзими давлатии хоҷагии қишлоқ таъсиррасонии мақсадноки давлат ба низоми амалкунандаи иқтисодӣ бо мақсади таъмини фаъолияти муътадили хоҷагии қишлоқ ва рушди устувори иқтисодиёт мебошад.

Диссертант таҷрибаи як чанд кишварҳои тараққикарда ва рӯба тараққиро дар доираи таҳқиқотааш омӯхтааст ва пешравиҳои илмию назариявӣ баъзе аз ин кишварҳоро оид ба мукаммалсозии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон қиёс намудааст. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бахши худтанзимкунандаи иқтисоди миллӣ ба ҳисоб намеравад. Батанзимдарории давлатӣ бо таъмини хароҷоти назарраси маблағҳои буҷетӣ вобаста аст. Тадбирҳои таъсири давлат бояд аз чунин механизмҳои танзим, ба монанди нархгузорӣ, дастгирии буҷетӣ, андозбандии имтиёзнок, қарздиҳӣ ва дигар тадбирҳои иқтисодӣ, ки шароити мусоиди рушди зиёдтари хоҷагии қишлоқро таъмин мекунанд, бартарӣ дошта бошанд. Аммо ин тадбирҳо дар шароите татбиқ карда мешаванд, ки агар институтҳо комилан бомуваффақият фаъолият кунанд (саҳ.16).

Дар диссертатсия заминаи арзёбии иқтисодии рушди хоҷагии қишлоқ ва хусусиятҳои танзими давлатии он ҳамчун соҳаи афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ ва принсипҳои ташаккули механизми дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои хоҷагидорӣ ва таҳдидҳои ҷаҳони имрӯз ошкор карда шудааст. Ба ақидаи муаллиф, дар шароити иқтисоди бозорӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ баъзе дигаргуниҳо ба амал омаданд, ки натиҷаҳои асосии онҳо барои ба даст овардани амнияти озуқаворӣ муҳим боқӣ мемонанд. Хоҷагии қишлоқ яке аз бахшҳои муҳими рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ба ҳисоби миёна 18-22 % маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро ҳамасола таъмин менамояд.

Дар зери мафҳуми танзими давлатии хоҷагии қишлоқ дар

диссертатсия ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳои назоратию танзимӣ, ки ниҳодҳои давлатии ваколатдор бо истифода аз шаклу усулҳо ва фишангҳои давлатии таъсиррасонӣ фаъолияти субъектҳои хоҷагидории соҳаро бо мақсади таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифат ва баландбардории некуаҳволии мардум, фаҳмида мешавад. Қобили зикр аст, ки барои иҷрои вазифаҳои мазкур давлат бояд ба ташаккули даромади гурӯҳҳои асосии аҳолӣ, сатҳи зарурии нафақа, кумакпулӣ ва ғайраро барои он гурӯҳҳои аҳолӣ, ки дигар наметавонанд даромадҳои дахлдор гиранд, мусоидат кунад. Ҳамзамон давлат вазифадор аст, ки шароит ва имкониятҳоро барои шуғли самарабахши аҳолии қобили меҳнат фароҳам оварад. Ташкили инфрасохтор барои фаъолияти устувори бозорҳои замин, захираҳои моддию техникӣ ва сармоя низ яке аз вазифаҳои асосии давлат дар пурзӯр намудани дастгирии фаъолияти самараноки истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Татбиқи тадбирҳои дастгирии давлатӣ рушди бомуваффақияти иқтисодиёти кишварро таъмин карда метавонад. Батанзимдарории давлатӣ ба принсипҳо асос ёфтааст, ки дар (расми 2, саҳ.22) оварда шудааст.

Дар автореферат муаяйан карда шудааст, ки механизми дастгирии давлатӣ метавонад шаклҳои гуногуни таъминоти моддӣ ва молиявии рушди бахши хоҷагии қишлоқро, аз қабили дастгирии мустақим (субсидия), ғайримустақим (андозбандии имтиёзнок ва ғайра), бевосита ё бавоситаи давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро дарбар гирад. Вобастагии мутаносиби шаклҳои дастгирии мазкур ба механизм субот ва самаранокии иловагӣ мебахшад.

Ҳамин тариқ, қайд шудааст, ки бидуни дастгирии давлатӣ, хоҷагии мустақили фермерӣ дар комплекси муосири озуқаворӣ, ҳатто босамаранокии баланди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, наметавонад рушд ёбад. Барои мустаҳкам кардани тамоюлҳои мусбати рушди хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, дастгирии давлатӣ зарур аст, самтҳои асосии дастгирии давлатии хоҷагии қишлоқ дар (расми 5, саҳ.31) пешниҳод гардидааст.Танзими давлатии хоҷагии қишлоқ бояд кафолати он бошад, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳои ба рушди комплексии хоҷагии қишлоқ вобаста дар тамоми минтақаҳои мамлакат тартиби ягонаи фаъолият бояд таъмин карда шавад, ки вазифаи асосии соҳа, яъне таъмини амнияти озуқавории мамлакатро ҳал намояд. Давлат бояд чунин низоми муносибатҳои хоҷагидориро таъмин созад, ки барои рушди устувор ва доимии соҳа равона бошанд. Танзими давлатӣ на танҳо барои ташкил ва фаъолияти муносибатҳои бозорӣ бояд

шароит муҳайё созад, балки ин низомро бо назардошти манфиатҳои миллӣ ташкил намояд.

Дар ин замина, диссертант кушиш карда шудааст, ки ҳудуди дахолати давлат дар танзими рушди хоҷагии қишлоқ муайян карда шуда, шаклу усулҳо ва фишангҳои танзиму дастгирии давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ муайян гардиданд. Инчунин, ба рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ аҳамияти махсус дода шуда, самтҳои асосии ҳамкории ниҳодҳои давлатӣ ва сохторҳои тиҷоратӣ асоснок карда шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо, ки таҳия шудаанд, натиҷаҳои асосии таҳқиқотҳои гузаронидашуда нишон дода шкдаанд. Дар мақолаҳои чоп карда шуда нуқтаҳои асосии диссертатсия ба нашр расидаанд.

Дар баробари ин, аз автореферати диссертатсия бармеяд, ки механизми дастгирии давлатии бахши кишоварзӣ ба таври муккамал инъикос нагардидааст.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссертатсионии Собирзода Нуралӣ Миралӣ дар мавзӯи «Мукаммалсозии механизми танзими давлатии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтиссоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент, дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8 низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» мувофиқ мебошад ва муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент мебошад.

Директори Институти иқтисодиёти кишоварзии, академики АИКТ Пиризода Ҷ.С.